# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Абдусамадзода Бахтулло Абдулманон дар мавзуи “Шароитҳои педагогии таъмин намудани муҳити тандурустӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солим дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз руи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот

Яке аз ҳадафҳои асосии таълим ва тарбия пас аз ислоҳоти он фароҳам овардани муҳити таълимию тарбиявӣ мебошад, ки ба эҳёи ҷисмонӣ ва маънавии кӯдакони синну соли ибтидоӣ мусоидат менамояд, ташаккули тарзи ҳаёти солим, ташаккули фарҳанги солим, таъсири мусбии омилҳои берунӣ ва дохилии муҳити зист ва ҳавасмандгардонии тарзи ҳаёти солимро ташкил медиҳад.

Дар заминаи дигаргуниҳои манфии вазъияти экологӣ, мушкилоти иҷтимоию иқтисодӣ, ихтисосҳои тиббии маҳдуди тиббӣ, суръати афзоиши кӯдакони дорои тандурустии заиф дар муассисаҳои таълимӣ возеҳ аён аст. Онҳо барои мутобиқ шудан ба фаъолиятҳои омӯзишӣ, тамаркуз ва анҷом додани вазифаҳои таълимӣ мушкилӣ доранд. Ин ҳолати организм самараи технологияҳои пешқадами педагогиро коҳиш медиҳад ва иҷрои барномаи рушди шахсиятро ба таври назаррас мушкил мекунад. Аз ин мавқеъ, мавзуи барои таҳқиқ интихобнамудаи довталаб муҳим ва мубрам арзёбӣ мешавад.

Таҳқиқу омӯзиш ва баррасии автореферата диссертатсия далел аст, ки муаллифи диссертатсия пажӯҳишу ковишҳои зиёди илмӣ анҷом дода, паҳлӯҳои гуногуни масъаларо равшан намуда, барои дарёфти шароитҳои педагогии таъмин намудани муҳити тандурустӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солим дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ пешниҳодҳои мушаххаси амалӣ ва тавсияҳои методии ҷолиби диққат ироа намудааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯ Абдусамадзода Бахтулло Абдулманон дар мавзуи “Шароитҳои педагогии таъмин намудани муҳити тандурустӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солим дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ” барҳақ, дар ин самт кӯшиши саривақтӣ ва ҷолиби диққати муҳаққиқ буда, он дар доираи талаботи навтарини барасмиятдарории таҳқиқоти илмӣ рӯйи кор омадааст. Зеро дар шароити кунунии рушди бемайлони ҷомеа банақшагирии муҳити тандурустӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ: таҷрибаю озмоишҳои ташаккулӣ яке аз мушкилоти муҳими кор бо насли наврас ва ҷавонони муосир ба шумор меравад.

Муҳаққиқ басо бамаврид ва нишонрас таъкид кардааст, ки "...Дар кишварҳои пешрафта роҳу воситаҳои таълимӣ ва иқтисодӣ барои ҳавасмандгардонӣ ба тарзи ҳаёти солим аз аҳолӣ истифода мешаванд ва ин як самти бунёдии ҳалли мушкилоти тандурустӣ мебошад. Дар Тоҷикистон, аз миёнаи солҳои 80-ум паст шудани сифат ва сатҳи тандурустии аҳолӣ ба қайд гирифта шудааст ва ин як масъалаи муҳимест, ки амалҳои фаъолона ва ҳамоҳангшудаи духтурон, психологҳо, омӯзгорон, кормандони иҷтимоӣ ва ҳамаи шаҳрвандони Тоҷикистонро талаб мекунад. Хуб мебуд, ки минбаъд дар синфҳои ибтидоӣ ба нақшагирии фаъолияти омӯзгор бо хонанда дар самти тарзи ҳаёти солим таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир гардад, зеро таҳқиқоти озоишӣ собит сохт, ки ин тарзи кор бештар судманд аст".

Унвонҷӯй зимни омӯзиш ва таҳқику озмоиш хеле дуруст ва муътамад натиҷагирӣ кардааст, ки тандурустии аҳолӣ вазъи иҷтимоию иқтисодӣ, демографӣ, экологӣ, санитарӣ ва гигиении кишварро инъикос мекунад ва ба шиддатнокии пешрафти он таъсир мерасонад. Аз ин рӯ, тандурустӣ хислати сифатии ҳама гуна ҷомеа мебошад.

Автореферат мухтавои асосии диссертатсияро ифода мекунад. Дастгоҳи илмии он мутобиқ ба талаботи сохтори нави аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқшуда мураттаб шудааст.

Муҳаққиқи ҷавон Абдусамадзода Бахтулло Абдулманон натиҷаи кори ба анҷомрасонидаашро дар муқаддима, ду боб ва хулоса инъикос намуда, аз адабиёти мухталиф фаровон истифода бурдааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ дар хулосаи диссертатсия танзиму таснифи натиҷаҳои озмоиши педагогиро ба субут расонида, мавриди арзёбӣ қарор додааст ва вобаста ба натиҷаҳои ноилшуда хулосаву тавсияҳои зарурӣ ироа кардааст.

Лозим ба ёдоварист, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ арзишҳои назарраси илсмиву амалиро соҳиб буда, муътамадӣ, асоснокӣ ва возеҳии он дар гузориши проблема ва роҳҳои ҳалли он, ҳадаф, вазифа, фарзия ва аҳамияти назариявию амалии он андешаҳои фавқро собит месозад.

Мувофиқи натиҷаҳои дар автореферат баррасигардида кори диссертатсионии Абдусамадзода Бахтулло Абдулманон дар мавзуи "Шароитҳои педагогии таъмин намудани муҳити тандурустӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солим дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ" таҳқиқоти илмии бaанҷомрсида арзёбӣ шуда, ҳаҷм, дастгоҳи илмӣ, арзиши назариявӣ ва амалии он ба талаботи КОА-и назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи

илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот сазовор мебошад.

Муқарриз, номзади илмҳои педагогӣ,
дотсенти кафедраи забонҳои Донишгоҳи
давлатии тиҷорати Тоҷикистон: Мирзоева Саёҳат Раҳмоновна

Маълумот барои тамос: ш.Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, ½; тел.: 93 515 23 36;
Почтаи электронӣ: mirzoeva.63@mail.ru

Имзои Мирзоева Саёҳат Раҳмоновнаро тасдиқ менамоям:

Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсус Пирзода С.С.